«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии Данғара
н.и.т., д.и.п. ________ Шоҳиён Н.Н.
«15» ____08____ соли 2022

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Муминов Фатҳулло Шамсуллоевич дар мавзуи «Рушди зироаткории лалмӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ (дар мисоли минтақаи Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Рушди минтақаҳои кӯҳӣ аз амалкарди низоми зироаткории лалмӣ ба истифодаи самараноки заминҳои корами лалмӣ вобастагии калон дорад. Аз ин ҷост, ки таҳқиқи истифодаи самараноки заминҳои корами лалмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои рӯзмарра ва дар айни ҳол ҳалталаб ба ҳисоб меравад, ки якчанд сабабҳои худро доранд. Якум ин, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷумҳурии аграрӣ буда, зиёда аз 70 %-и аҳолӣ дар деҳот зиндагӣ менамояд ва дар ин ҳолат истифодаи самараноки заминҳои корами кишоварзӣ сарчашмаи асосии таъминоти аҳолӣ бо маводи озуқа ва саноат бо ашёи хоми кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Дуюм, шароитҳои табиию иқлимӣ ва давомнокии рӯзҳои гарм дар баъзе аз минтақаҳои кишвар аз 180 то 220 рӯз барои парвариш ва рушди соҳаҳои алоҳидаи зироаткории лалмӣ нисбатан мутобиқ мебошад. Агар мураккаб гардидани таъминоти рӯзафзояндаи аҳолӣ бо маводи озуқа дар баъзе аз кишварҳои ҳамсояи наздикро ба назари эътибор гирем, пас худ қазоват намоед, ки дар чунин вазъ масъалаи мазкур то кадом дараҷа мубрам ва рӯзмарра боқӣ хоҳад монд.

Маҳз татбиқи амалии ҳадафҳои Стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар бахши кишоварзӣ ба ҳалли яке аз чор ҳадафҳои асосии стратегии рушди иқтисодиёти кишвар, аз он ҷумла таъмини амнияти озуқаворӣ равона гардида, он ба ҳолат, такрористеҳсол ва истифодаи самараноки заминҳои лалмии кишоварзӣ ва омилҳои табиӣ-иқлимӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ вобастагӣ дорад. Дар минтақаи кӯҳии Хатлон омилҳои зиёди истифоданашудаи баланд бардоштани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ, аз ҳисоби оқилона истифодабарии захираҳои замини минтақаҳои наздикӯҳӣ ва кӯҳӣ мавҷуд мебошад, ки то кунун мавриди омӯзиш ва истифодабарӣ қарор дода нашудаанд. Илова бар ин, истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ минтақаҳои наздикӯҳӣ ва кӯҳӣ барои таъмини шуғли пурмаҳсули аҳолӣ, рушди

коркарди саноатии маҳсулотҳои кишоварзӣ ва дар ин замина паст намудани сатҳи камбизоатии мардум мусоидат менамояд.

Инчунин, зарурати ташаккул ва рушди минтақаҳои кӯҳӣ ва истифодаи самараноки заминҳои лалмӣ дар минтақаи таҳлилгардида, амалисозии тадбирҳо оид ба муҳофизати экосистемаи минтақавӣ як самти муҳими сиёсати иқтисодии кишвар дар минтақаҳои кишвар ба ҳисоб меравад. Ҳамаи ин рақаму далелҳо, аз муҳиммият ва ҳалталаб будани мавзӯи кори диссертатсионии Муминов Фатҳулло Шамсуллоевич дар мавзуи «Рушди зироаткории лалмӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ (дар мисоли минтақаи Хатлон)» гувоҳӣ медиҳад.

**Мақсади таҳқиқот.** Ҳадафи таҳқиқоти мазкур ин омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ-методологии ташаккул ва рушди зироаткории лалмӣ ва пешниҳодҳои амалӣ оид ба истифодаи самараноки заминҳои лалмӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ ба ҳисоб меравад.

**Навгонии таҳқиқоти илмиро** асоснок намудани ҷанбаҳои назариявӣ-методологии ташаккул ва рушди зироаткории лалмӣ ва пешниҳодҳои амалӣ оид ба истифодаи самараноки заминҳои лалмӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ ташкил медиҳад. Унсурҳои асосии навгонии илмӣ инҳоянд:

-дар асоси омӯзиш ва ҷамъбасти дастаҷамъонаи нуқтаҳои мухталифи назариявӣ таърифи худи муаллиф оид ба мафҳуми «зироаткории лалмӣ» бо назардошти хусусиятҳои соҳавӣ ва минтақавӣ муайян карда шудааст, ки низоми заминдории мазкур барои танзими самараноки истифодаи заминҳои корами лалмии кишоварзӣ ва вазъи экологии минтақаҳои кӯҳӣ, истеҳсоли ҳарчи зиёди маҳсулотҳои кишоварзӣ ва ташаккули муносибатҳои бозорӣ дар минтақа равона карда шудааст;

-арзёбии принсипҳо, хусусиятҳо ва омилҳои асосии рушди зироаткории лалмӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ, ки ба нигаҳдорӣ, такрористеҳсол ва ҳифзи заминҳои лалмии кишоварзӣ, беҳтаршавии вазъи экологӣ ва иҷтимоӣ-демографии аҳолии минтақаҳои кӯҳӣ ва баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ дар маҷмуъ равона карда шудааст;

-дар асоси таҳлил ва омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ оид ба ташаккул ва рушди зироаткории лалмӣ муайян карда шудааст, ки он аз истифодаи муносибатҳои нави заминдорӣ ва заминистифодабарӣ, азхуднамоии заминҳои нави лалмии минтақаҳои наздикӯҳӣ ва кӯҳӣ, ҳифз ва нигоҳдории экосистемҳои минтақавӣ, афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти асосии озуқаворӣ ва ҷалби бештари сармояҳои дохилию хориҷӣ ба рушди минтақаҳои кӯҳӣ вобастагии калон дорад;

-вазъи кунунии истифодаи заминҳои лалмӣ дар минтақаҳои кӯҳии вилояти Хатлон, таҳлил ва динамикаи тағйирёбии сохтори заминҳои

кишоварзӣ дар маҷмуъ ва заминҳои лалмӣ дар минтақа таҳқиқ гардида, сабабҳои асосии паст гардидани ҳосилнокии заминҳои лалмӣ ва вазъи экологии онҳо ошкор гардида, ченакҳо ва нишондиҳандаҳои асосии истифодаи самараноки заминҳои лалмӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ муайян ва баҳогузорӣ шуданд;

- арзёбии асосҳои илмии омилҳои дохилӣ ба рушди интенсивии зироаткории лалмӣ, бо назардошти хусусиятҳои табиӣ-иқлимӣ, соҳавӣ ва минтақавии рушди соҳаи кишоварзӣ, омӯзиши таҷрибаи пешқадами зироаткории лалмӣ муайян ва мушаххас гардидааст, ки он ба таъмини шуғли пурраи аҳолӣ, бартараф намудани нобаробарихо дар минтақаҳои кӯҳӣ ва баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ дар маҷмуъ нигаронида шудааст;

-модели баҳодиҳии самаранокии рушди зироаткории лалми дар минтақаҳои кӯҳӣ таҳқиқ ва пешниход карда шудааст, ки он ба истифодаи технологияи пешқадами парвариши зироатхо ва рушди инноватсионии соҳаи кишоварзӣ, истифодаи шаклҳои нави замиңдорӣ, беҳшавии ҳолати муҳити зисти аҳолӣ, баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ ва афзоиши ҳаҷми маҳсулотҳои озуқаворӣ дар минтақаҳои кишвар мусоидат менамояд.

**Дар муқаддима**, мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзӯи таҳқиқот, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

Дар боби якум - «Асосҳои назариявӣ-методологии ташаккул ва рушди зироаткории лалмӣ» ҷанбаҳои назариявӣ-методологии рушди зироаткории лалмӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ, принсипҳо, хусусиятҳо ва омилҳои асосии рушди зироаткории лалмӣ ва таҷрибаи хориҷӣ оид ба ташаккул ва рушди зироаткории лалмӣ баён гардидаанд.

Диссертант дуруст қайд менамояд, ки зироаткории лалмӣ - ин низоми муносибатҳои заминдориест, ки аз қоидаҳои асосӣ ва қонуниятҳои махсуси рушди истеҳсолоти кишоварзӣ, истифодаи самараноки заминҳои лалмӣ ва беҳдошти муҳити зисти аҳолӣ маншаъ мегирад. Аз ин нуктаи назар ҳамчун низоми махсус барои танзими самараноки истифодаи заминҳои корами лалмии кишоварзӣ ва вазъи экологии минтақаҳои кӯҳӣ, истеҳсоли ҳарчи зиёди маҳсулотҳои кишоварзӣ ва ташаккули муносибатҳои бозорӣ дар минтақа равона карда шудааст (С16-17).

Дар диссертатсия қайд карда шудааст, ки мақсади асосии рушди зироаткории лалмӣ - ин баланд бардоштани самаранокии истифодаи

заминҳои лалмӣ, таъмини аҳолии кишвар бо маводҳои озуқаворӣ ва рушди устувори иқтисодиёти минтақаҳои кӯҳӣ мебошад. Захираҳои замини лалмӣ ҳамчун боигарии асосӣ ва ивазнашавандаи минтақаҳои кӯҳӣ, сарчашмаи асосии таъмини аҳолӣ бо маводи озуқаворӣ ва пойгоҳ барои ҷойгиркунӣ ва рушди соҳаҳои коркарди саноатӣ арзёбӣ хизмат менамояд. Ин ҷо кулли омилҳои баланд бардоштани ҳосилнокии иқтисодии заминҳои лалмӣ ва ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ оварда шудааст(С 38-39).

Дар рисолаи илмӣ истифодаи усулҳо ва шаклҳои пешқадами таҷрибаи хориҷӣ оид ба ташаккул ва рушди зироаткории лалмӣ таҳқиқ ва натиҷагирӣ карда шуда, вариантҳои беҳтарини онҳо барои минтақаҳои кӯҳии Ҷумҳури Тоҷикистон, бо назардошти шароити табиӣ-иқлимӣ ва истифодаи технологияи пешқадами парвариши зироатҳои кишоварзӣ пешниҳод гардидааст.

Барои минтақаҳои кӯҳии ҷумҳурии мо таҷрибаи рушди зироаткории лалмии кишварҳои аврупоӣ, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Ӯзбекистон ва дигар кишварҳои собиқ Шӯравӣ аз фоида холӣ нест. Таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ (Япония, Чин, Монголия, Ӯзбекистон ва дигарҳо) нишон медиҳад, ки ба ҳам пайвастани механизму фишангҳои идораи самараноки заминҳои лалмии кишоварзӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ имконият медиҳад, ки ҷорӣ намудани низоми пешқадами киштгардон, рушди инноватсионии зироаткории лалмӣ, корҳои дастаҷамъонаи экологӣ-муҳофизатии минтақаҳои кӯҳӣ дар маҷмӯъ баистифодаи самараноки заминҳои лалмӣ ва сиёсати аграрии кишвар созгор мебошад (С 46-54).

**Дар боби дуюм** - «Ҳолати кунунии рушди зироаткории лалмӣ дар минтақаҳои кӯҳии вилояти Хатлон» - ҳолати кунунии зироаткории лалмӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ, нишондиҳандаҳои асосии самаранокии иқтисодии истифодаи заминҳои корами лалмӣ ва муаммоҳои истифодаи омилҳои дохилии рушди зироаткории лалмӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ баҳодиҳӣ ва натиҷагирӣ карда шуданд.

Дар рисола оварда шудааст, ки минтақаи Хатлон ҳамчун минтақаи муҳими кишоварзии ҷумҳурӣ ба ҳисоб рафта, ҳудуди он 24,7 ҳазор км. мураббаъро ташкил медиҳад, ки ба 17%-и ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон рост меояд. Минтақа дар шимол бо ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар шарқ бо вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, дар ғарб бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва дар ҷануб бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ҳамсарҳад мебошад.

Аз рӯйи категорияҳои истифодабарандагони замин ҳиссаи бештарро заминҳои таъйиноти кишоварзӣ ва фонди ҷангал ташкил медиҳад. Мувофиқи маълумоти Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба ҳолати 1-уми январи соли 2020 майдони умумии заминҳои дар ихтиёри корхонаҳои кишоварзибуда 4691,8 гектарро ташкил дод, ки нисбат соли 2011- 4705,0 гектар зиёд аст. Миқдори заминҳои таъйиноти кишоварзидошта 0,03 % кам шудааст (С 60-67).

**Дар боби сеюм**- «Самтҳои асосии рушди зироаткории лалмӣ дар минтақаҳои кӯҳии вилояти Хатлон» дастгирии давлатии рушди зироаткории лалмӣ, рушди инноватсионии зиротакории лалмӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ ва модели баҳодиҳии самаранокии зироаткории лалмӣ дар вилояти Хатлон муайян ва пешниҳод гардиданд.

Дар рисола оварда шудааст, ки дар татбиқи ин ҳадафҳо нақши давлат хеле назаррас буда, нарасидани маводҳои асосии ғизоӣ дар минтақаҳои кишвар метавонад ба оқибатҳои нохуши иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва демографӣ оварда расонад. Ҳалли масоилҳои мазкур зарурати дастгирии давлатии рушди зироаткории лалмиро дар минтақаҳои кӯҳӣ тақозо намуда, он барои баланд бардоштани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии ва таъмини сифати баланди моводи ғизоии ватанӣ равона карда шудааст.

Фишангҳо ва механизмҳои асосии дастгирии давлатии рушди зироаткории лалмӣ бо ҳам зич алоқаманд буда, аз татбиқи амалии сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва экологии минтақаҳои кӯҳӣ маншаъ мегиранд. Як қатор фишангҳо зери таъсири вазъи сиёсӣ ва иҷтимоӣ қарор дошта, гурӯҳе аз механизмҳои танзими давлатии истифодаи самараноки заминҳои лалмӣ эътирофи онро дорад, ки механизми бозорӣ танзими истифо-даи самараноки заминҳои кишоварзӣ, бахусус заминҳои лалмӣ ва беҳдошти муҳити зистро таъмин карда, дахолати давлатиро шарти муҳим ва зарур мешуморад (С 105-112).

Истифодаи модели иқтисодӣ-оморӣ барои баҳодиҳии самаранокии истифодаи заминҳои лалмӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Усули баҳодиҳии иқтисодӣ-риёзӣ, таввасути модели эконометрикӣ роҳандозӣ карда мешавад, дар амалияи хоҷагидорӣ кам ба назар мерасад ё дар минтақаҳои кӯҳи қариб дида баромада нашудааст. Хусусияти хоси чунин модель дар он инъикос мeёбад, ки он имконияти истифодаи якчанд омилҳо ва таъсири ҳар яки онҳоро дар алоҳидагӣ, инчунин таъсири якҷояи онҳоро ба нишондиҳандаҳои асосӣ рушди соҳаи кишоварзӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ баҳогузорӣ менамояд.

Коркарди нишондихандахои 7 сола (2014-2020) гувохӣ он аст, ки дар умум дар вилоят омилхои захиравии зиёд намудани микдори заминхои лалмӣ ва дар нихояти кор зиёд намудани хачми истехсоли махсулотхои кишоварзӣ ба маврид мебошад. Модели мазкур нишон медихад, ки хангоми ба 1 фоиз зиёд гардидани микдори заминхои корами лалмӣ, истехсоли зироати ғалла ба 0,008%, картошка - 0,046%, полезихо - 0,0539% ва мевагихо бошад ба 0,987% дар минтакахои кӯхӣ зиёд гардидааст (С.140-1148).

**Дар хулоса ва пешниходхо** натичахои асосии тахкикоти кори илмӣ чамъбаст гардидаанд (С.150-153).

Дар баробари чанбахои мусбӣ диссертатсияи мазкур аз камбудихо низ эмин нест, ки онхоро ба таври зайл пешниход менамоем:

1. Хуб мешуд, ки муаллиф дар баробари чанбахои экологӣ-иктисодии рушди зироаткории лалмӣ, ки дар боби 1.1 ва 1.2 ба масъалаи рушди инфрасохтори ичтимоии минтакахои кӯхӣ, бахусус, корхонахои коркарди саноатии махсулотхои кишоварзӣ ахамияти бештар медоданд, сифату арзиши рисола боз хам баландтар мегардид.

2. Дар боби 2.2.- «Нишондихандахои асосии самаранокии иктисодии истифодаи заминхои корами лалмӣ ва муаммохои истифодаи омилхои дохилии рушди зироаткории лалмӣ дар минтакахои кӯхӣ» масъалаи нишондихандахои асосии иктисодии истифодаи заминхои лалмӣ хеле хуб бахогузорӣ карда шуда, ба чанбахои экологӣ-ичтимоӣ, махсусан, зарархои экологӣ аз деградатсия (таназуллёбӣ)-и заминхои лалмӣ ва умуман нишондихандахои умумии экологӣ-ичтимоии рушди зироаткории лалмӣ камтар диккат дода шудааст.

3. Дар диссертатсия ба яке аз унсурхои асосии рушди минтакахои кӯхӣ, ки дар замони хозира мухим арзёбӣ мегардад, яъне рушди кластерхои агросаноатӣ диккат зохир карда нашудааст ва чӣ тавре, ки ба мо маълум аст дар асри инноватсионӣ такя ба самаранокии занчираи коркарди саноатии махсулотхои кишоварзӣ, ки он яке аз омилхои мухими баланд бардоштани самаранокии рушди минтакахои кӯхӣ ба хисоб меравад.

4. Дар диссертатсия чадвалхои бисёр оварда шудаанд. Хуб мешуд, агар дар катори онхо муаллиф дар шакли диаграмма, расм ва схемахои хусусияти аналитикӣ дошта низ оварда асоснок менамуд, ки он мазмун ва мундаричаи кори илмии мазкурро боз хам бою ғанӣ мегардонид.

Ҳамзамон, диссертатсияи Муминов Фатҳулло Шамсуллоевич новобаста ба камбудиҳои номбаркардашуда, дар сатҳи лозимӣ омода карда шудааст ва аз ҷиҳати мазмун, мундариҷа, саҳенокӣ ба талаботҳои навиштани диссертатсияи номзадӣ ҷавобгӯ мебошад.

Умуман, диссертатсияи Муминов Фатҳулло Шамсуллоевич дар мавзуи «Рушди зироаткории лалмӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ (дар мисоли минтақаи Хатлон)», ба талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва банди 31 и 33 низомномаи “Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ” мутобиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзадии илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03- Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мебошад.

Муовини ректор оид ба таълим ва идораи сифати таҳсилоти Донишгоҳи давлатии Данғара, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент — Кудратзода П.Қ.

Имзои Қудратзода П.Қ.-ро тасдиқ менамоям.
Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории ДДД — Ҷаборӣ Н.Ҷ.

Суроға: 735320,
н. Данғара, к. Марказӣ, 25
Тел: +992 (83312) 22806

15.08.2022 с.